## ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №________________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 26.04.2024, №39**

Барои сазовор донистани Оев Анис Давлатович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Оев Анис Давлатович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 21 феврали соли 2024, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №52 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, тахти №13/шд таъсис дода шудааст.

Унвонҷӯй Оев Анис Давлатович, соли таваллудаш 26.09.1995, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло ба ҳайси ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Оев Анис Давлатович соли 2013 ба шуъбаи рӯзонаи факултети баҳисобгирию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дохил шуда, соли 2018 донишгоҳи номбурдаро ҳамчун мутахассис хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии худро номбурда соли 2019 ҳамчун мутахассиси тиҷорати чаканаи ҶСП ТАКҲ "Имон-интернешнл" дар шаҳри Душанбе оғоз намудааст.

Номбурда солҳои 2019-2022 ҳамчун унвонҷӯи шуъбаи ғоибонаи кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳсил кардааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Оев Анис Давлатович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тахти суратҷаласаи №7/5.2. аз 30-юми январи соли 2020 баррасӣ ва тасдиқ шуда, бинобар талаботҳои мавҷуда, тахти суратҷаласаи №5/5.8 аз 30-юми декабри соли 2021 бо қарори шурои олимони донишгоҳ иваз карда шуда, роҳбари илмии

унвонҷӯй д.и.и., профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт таъйин гардидааст, ки айни замон Президенти АМИТ мебошад.

Оев Анис Давлатович имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 4 (хуб), аз 17.09.2022, таърих ва фалсафаи илм 5 (аъло), аз 22.12.2020 ва имтиҳони номзадӣ (минимум)-ро аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло), аз 14.06.2023 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҷабов Раҷаб Кӯчакович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Боймуродов Ҷовид Ҷаъфарҷонович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шуъбаи амалиётӣ дар ҶСП “Спитамен-Бонк”, ба диссертатсия тақризҳои мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва андозбандӣ Хидиралиев Р.З. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия ва андозбандӣ баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №8/А, аз 18.03.2024) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон д.и.и., дотсент Асрорзода Убайдулло Саттор тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса баровconfigured шудааст, ки кори диссертатсионии Оев Анис Давлатович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар сатҳи баланди илмӣ омода гардида, ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 25 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Оев, А.Д. Табиати иқтисодӣ ва паҳлуҳои назариявии моҳияти хавфҳо [Матн]. / А.Д. Оев // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2020. – № 2 (27). – С.155-161. ISSN 2663-0389.

[2-М]. Оев, А.Д. Мушкилотҳои сармоягузории низоми бонкии кишвар ба бахши вокеии иқтисодиёт [Матн] / А.Д. Оев // Паёми Кишоварз. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2020. – №4 (89) – С.273-277. ISSN 2074-5435.

[3-М]. Оев, А.Д. Таълимоти илмӣ оид ба хавфҳои қарзӣ [Матн] / А.Д. Оев // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2021. – № 3 (27). – С.188-194. ISSN 2663-0389.

[4-М]. Оев, А.Д. Тавсифи нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии хавфҳои қарзии дар бонкҳо истифодашаванда ва дар адабиёт тавсияшаванда [Матн] / А.Д. Оев // Паёми ДМТ. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2021. – № 7. – С.91-102. ISSN 2413-5151.

[5-М]. Оев, А.Д. Масъалаҳои назариявии таҳлили устувории молиявии низоми бонкӣ [Матн] / А.Д. Оев // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2022. – № 2. – С.252-258. ISSN 2663-0389.

[6-М]. Оев, А.Д. Методологияи таҳлили хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, А.Д. Оев // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2022. – № 4/1 (33) – С.23-30. ISSN 2663-0389.

[7-М]. Оев, А.Д. Мавқеи таҳлили хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ ва аҳамияти он ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, А.Д. Оев // Паёми ДМТ. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2023. – № 9. – С.17-23. ISSN 2413-5151.

**Дар дигар нашрияҳо**

[8-М]. Оев, А.Д. Хавфи қарзӣ ва таъсири он ба рушди муносибатҳои байналмилалии молиявию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Д. Оев // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ” (Душанбе, 26-уми ноябри соли 2021). - ДДМИТ. -2021. С-472-475.

[9-М]. Оев, А.Д. СБҲМ – 9 ва такмили дурнамои баҳодиҳии талафоти имконпазири қарз [Матн] / А.Д. Оев // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.и., профессор Уроқов Д.У. дар мавзуи “Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ” қисми 2. (Душанбе). – ДМТ. -2022. С-163-168.

[10-М]. Оев, А.Д. Баҳодиҳии дурнамои талафоти имконпазири қарз дар асоси СБҲМ – 9 [Матн] / А.Д. Оев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити

гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар" (Рашт, 28-уми майи соли 2022). –ДОТ дар н.Рашт. С-24-29.

[11-М]. Оев, А.Д. Развитие банковской системы республики Таджикистан в условиях недостаточности финансовых ресурсов [Текст] / А.Д. Оев, Р.Н. Саидов. // Материалы IV Международной научно-практической конференции «Наука и технологии» (Казахстан г. Алматы- 2022). – МИЦ.-2022. С-234 – 239.

[12-М]. Оев, А.Д. Таҳлил, баҳодиҳӣ ва идоракунии равишҳои муосир дар инноватсияи бонкӣ [Матн] / А.Д. Оев, Қ.Х. Хушвахтзода // Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ" (Душанбе, 25 ноябри соли 2022). – ДБССТ.-2022. С-17-23.

[13-М]. Оев, А.Д. Таҳлили суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ [Матн] / А.Д. Оев // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи "Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ" (Душанбе, 10-уми феврали соли 2023). – ДМТ. -2023. С.303-307.

[14-М]. Оев, А.Д. Асосҳои методологии баҳодиҳӣ ва таҳлили хавфҳои қарзии бонкҳо бо истифодаи усулҳои оморӣ [Матн] / А.Д. Оев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи "Иқтисоди рақамӣ ва зарурати ҷорӣ намудани низоми нави ҳисобҳои миллӣ" (Душанбе, 17-уми феврали соли 2021). – ДМТ. -2021. С-127-132

[15-М]. Оев, А.Д. Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва накши он дар суботи низоми молиявӣ [Матн] / А.Д. Оев // Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молия (Душанбе, 11-уми декабри соли 2021). – ДДМИТ. - 2021. – С. 283-288.

[16-М]. Оев, А.Д. Таҳлил ва баҳодиҳии суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Д. Оев // Маводи Маҷалаи Бонки миллии Тоҷикистон бо номи "Бонкдорӣ-тараққиёт-ҷаҳонишавӣ". (Душанбе, апрел-июни соли 2022). – БМТ. -2022. - С. 55-57.

[17-М]. Оев, А.Д. Таъсири пандемияи COVID-19 ба суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Д. Оев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Вазъи низоми бонкии ҶТ дар давраи пандемияи короновирус (COVID-19)" (Кулоб, 11-уми декабри соли 2021). – ДДК ба номи А. Рӯдакӣ. -2021. С.170 -176.

[18-М]. Оев, А.Д. Таҳлили ҷараёни қардиҳии ташкилотҳои қарзӣ ва баландбардории самаранокии он дар рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Д. Оев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои такмили механизми молиявию қарзии рушди

иқтисодиёти миллӣ" (Душанбе, 5-уми октябри соли 2021). – ДМТ. -2021. С.178-182.

[19-М]. Оев, А.Д. Асосҳои таҳлили сохторӣ ва идоранамоии хавфҳои қарзӣ дар бонкҳо [Матн] / А.Д. Оев // Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Механизми татбиқи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити индустриаликунонии мамлакат: воқеият ва дурнамо" (Душанбе, 23-юми октябри соли 2021). – ДДМИТ. -2021. С.215-221.

[20-М]. Оев, А.Д. Хавфи қарзӣ: намудҳо ва омилҳои ба он таъсиррасон [Матн] / А.Д. Оев // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо" (Душанбе, 11-уми марти соли 2023). – ДДМИТ. -2023. С.274-280.

[21-М]. Оев, А.Д. Асосҳои назариявии хавфҳои қарзӣ ва таснифоти онҳо дар шароити муосир [Матн] / А.Д. Оев // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" (2019-2021). (Душанбе, 12-17 апрели соли 2021). – ДДМИТ. -2021. С.268-271.

[22-М]. Оев, А.Д. Рушди технологияи иттилоотӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ ҳамчун асоси рақобатпазирии бонкҳои муосир [Матн] / А.Д. Оев // Маводҳоии конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи "Рушди иноватсионӣ ва рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммо ва дурнамо" (Душанбе, 8-уми апрели соли 2021). – ДДМИТ. -2021. С.163-167.

[23-М]. Оев, А.Д. Методологияи таҳлили ҳисоботҳои молиявии бонкҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ [Матн] / А.Д. Оев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 27-уми марти соли 2021). – ДССХ. -2021. С.132-134.

[24-М]. Оев, А.Д. Мақсад ва вазифаҳои таҳлили ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзӣ [Матн] / А.Д. Оев, Б.И. Изатуллоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзуи "Баҳисобгирии муҳосиби таҳлил ва аудит дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт" (Душанбе, 28 - уми марти соли 2020). – ДССХ. -2020. С.101-103.

[25-М]. Оев, А.Д. Хавфи пандемияи COVID-19 ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Д. Оев // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ бахшида ба "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи

илму маориф" (2020-2040). (Душанбе, 13-18 апрели соли 2020). – ДДМИТ. -2020. С.124-126.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Самандарзода И. Ҳ. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур**, бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1) Муаллиф вобаста ба шарҳи мафҳуми хавф аз назарияи мактабҳои илмӣ ёдовар гардидааст, аммо хуб мешуд, агар дар автореферат онро дар шакли ҷадвали таҳлилӣ пешниҳод мекард; 2) Ҷиҳати такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ таҷрибаи як қатор кишварҳо таҳқиқ гардидааст. Аз ин рӯ, ба манфиати таҳқиқот мебуд, агар муаллиф таҷрибаи мавҷударо дар автореферат васеътар шарҳ медод.

**2. Бобоев О. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**, бо чунин эрод пешниҳод шудааст: 1) Муаллиф ба масъалаи дастрасӣ ба воситаҳои молиявии арзон, яъне ҷалби сармоягузорӣ ба низоми бонкӣ таваҷҷуҳи камтар зоҳир кардааст, ҳол он ки ин омил яке аз роҳҳои пасткунии хавфҳои қарзӣ мебошад.

**3. Ҳамроев Ф. М. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори, кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ** чунин эрод гирифтааст: 1. Дар қатори бартариятҳои дар автореферат зикр гардида, беҳтар мебуд, агар муаллиф ба масъалаи омӯзиши стратегия ва сиёсати идоракунии хавфҳои қарзӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тавсияҳои амалиро таҳия менамуд.

**4. Комилов Н.Б. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ**, бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1. Омилҳои ба хавфҳои қарзӣ таъсиррасон, ки дар расми 1. пешниҳод шудаанд, шарҳи пурра мехоҳанд.

2. Дар саҳ. 15-16 нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, лекин беҳтар мебуд агар онҳоро дар шакли ҷадвал таҳия менамуд ва динамикаи онҳоро пешниҳод месохт.

**5. Ҷураев Б.М. - номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шуъбаи таҳлил ва ҷалби маблағгузории ФҚХ "Фонди бозтамвил"**, бо чунин эрод пешниҳод шудааст: 1. Дар баробари муваффақиятҳои муҳими автореферат, агар унвонҷӯй бар замми таҳлил ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ – сандуқи қарзӣ, амонатҳо (пасандозҳо) ва нишондиҳандаҳои ба онҳо алоқаманд (саҳ. 15-16), ба масъалаи таҳлили сохтории сандуқи қарзии низоми бонкӣ, яъне шумораи қарзгирандагон, қарзгирандагон аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, занҳо ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир менамуд, ин ҳолат боз сифати таҳлилҳоро самараноктар арзёбӣ менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои идоракунии хавфҳои бонкӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

***- консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шудааст, ки танҳо дар сурати амалӣ намудани таҷрибаи пешқадам оид ба самти таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ, муайянсозии вазъи имрӯза ва мушкилоти идоранамоии хавфҳои қарзӣ, дарёфти механизми идоракунии хавфҳои қарзӣ ва паст намудани таъсири онҳо ба устувории молиявии бонкҳо, ба идоракунии дурусту самараноки хавфҳои қарзӣ ва сифати сандуқи қарзӣ дар низоми бонкии ҷумҳурӣ ноил шудан мумкин аст.

***- пешниҳод шудааст:*** таърифи муаллифии хавф ва хавфи қарзӣ баррасӣ шуда; а) хавф ин “номуайяниҳои фаъолиятро иҳотакунанда, ки натиҷаи он талафёбӣ, осебпазирӣ, хароҷоти иловагӣ ё ин, ки баръакс - дар ҳолати интихоби саҳеҳи алтернативӣ даромади иловагӣ ва фоидаи пешбинишуда мебошад”; - хавфи қарзӣ “ин эҳтимолияти ба таъхир афтидани уҳдадориҳои молиявии иҷрошаванда аз ҷониби қарзгиранда, зомин ва иштирокчиёни шартнома, мутобиқи шартҳои шартнома ё талафоти иқтисодӣ аз иҷро нагардидани уҳдадориҳои контрагент мебошад”; б) **дар фарқият аз таърифҳои муҳаққиқони дигар** таърифи якум бар он асос меёбад, ки асоси пайдоиши хавф ин номуайянӣ ҳисобида шуда, натиҷаи он эҳтимолияти рӯйдиҳии ду ҳолатро ифода менамояд. Дар таърифи худи хавфи қарзӣ фарқият бар он асос меёбад, ки уҳдадории тамоми иштирокчиёни шартномаи қарзиро инъикос менамояд.

- ***исбот шудааст,*** ки таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ бидуни ташаккули низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ ғайриимкон мебошад.

***- ҷорӣ намудани*** меъёрҳои танзими хавфҳои қарзии мувофиқ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва принсипҳои идоракунии хавфҳои қарзӣ мутобиқ пешниҳод карда шуда, барои таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ стратегия ва барномаҳои соҳавӣ дар сатҳи маҷмуӣ таҳия карда шаванд, ҳамзамон, ҷиҳати баландбардории самаранокии раванди қарздиҳӣ ва таъмини ҳиссаи қарзҳои

бонкӣ дар сохтори ММД методикаи такмилёфтаи таҳлили хавфҳои қарзӣ таҳия шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои консепсияҳои бунёдӣ оид ба низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ, ки дар асарҳои олимони ватанӣ баён шудаанд, мувофиқат мекунанд ва дар доираи равишҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи марказҳои илмии тадқиқотӣ, инчунин, дар қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд, сурат гирифтааст. Таҳқиқоти методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун пойгоҳи маълумот барои гузаронидани таҳқиқотҳои дигар оид ба масоили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ, таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд.

- ***методикаи*** такмилшудаи идоракунии хавфҳои қарзӣ дар асоси таҷрибаи пешқадам таҳия ва пешниҳод шудааст, ки ба таҳлил, баҳодиҳӣ ваояндабинии хавфҳои қарзӣ, баланд бардоштани сифати сандуқи қарзӣ, ва ташаккули амалиёти қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ асос ёфтааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***баён шудааст,*** ки дар таҳлили ҳолати муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии сифати сандуқи қарзии он ҳамчун нишондиҳандаи устувории молиявии низоми бонкӣ баромад менамояд.

- ***ошкор гардидани*** самтҳои афзалиятноки низоми идоракунии хавфҳои қарзию таъмини самаранокии ҷарани қарздиҳӣ ва дурнамои арзёбии рушди сандуқи қарзии низоми бонкӣ, сифати сандуқи қарзӣ ва мониторинги қарзҳо.

- ***омӯхта шуданд:*** 1) асосҳои назариявии хавф ва хавфҳои қарзӣ; 2) таҷрибаи пешқадами ҷойдошта дар самти низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ ва қарзҳои таснифшуда; 3) вазъи муосири низоми бонкӣ ва сифати сандуқи қарзии он.

- ***аз нав такмил додани методикаи*** таҳлилу баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ ва роҳҳои базътидолории онҳо пешниҳод ва асоснок шудааст, ки дар маҷмуъ ба устувории низоми бонкӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд: 1) вобастагии иқтисодиёти кишвар ва дар ин замина ҳасосияти нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз таъсири омилҳои беруна; 2) ҳиссаи зиёди қарзҳои таснифшуда дар низоми бонкӣ; 3)арзёбии нокифояи қобилияти пардохтпазирии қарзгиранда; 4)зарурати такмили асосҳои меъёрӣ ва методии таҳлили хавфҳои қарзӣ; 5) мавҷуд будани мушкилот дар раванди қарздиҳӣ; 6) сатҳи пасти донишҳои мутахассисон дар самти таҳлили хавфҳои қарзӣ.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «Идоракунии хатари бонкӣ», «Амалиётҳои бонкӣ», «Таҳлил ва баҳодиҳии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ», «Таҳлил ва баҳодиҳии муассисаҳои қарзӣ», «Менеҷменти бонкӣ», «Қабули қарорҳои идоракунӣ», «Аудити бонкӣ», «Таҳлили молиявӣ» ва «Таҳлили ҳисоботи молиявӣ» дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода шудаанд (санади татбиқи натиҷаҳо аз 25.09.2023 таҳти №24). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти КВД БА ҶТ "Амонатбонк" мавриди истифода қарор гирифтаанд (санади татбиқи амалӣ аз КВД БА ҶТ "Амонатбонк" аз 27.09.2023 таҳти №27/78-585/1).

- ***муайян карда шуд,*** ки барои баэътидолории хавфҳои қарзӣ ва баланд бардории сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ тадбиқи чунин пешниҳодҳо муҳиманд: 1) Ташкили агентҳои баҳодиҳандаи рейтинги дохилӣ; 2) Ташкили махзани ягонаи иттилоотӣ; 3) Сохторҳои баҳодиҳии амвол ва қарзҳо; 4) Чораандешӣ дар самти фурӯши қарзҳои мушкилситон ва ташкили дигар субъектҳои идоракунанда дар идораи хавфҳои қарзӣ.

- ***офарида шуд:*** арзёбии рушди сандуқи қарзӣ ва тамоюли вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъоли низоми бонкӣ таҳия карда шуд, ки мувофиқи он нишондиҳандаҳо то соли 2030 дурнамо дода шудааст ва ин ҳам бошад, дар ҳолати татбиқи тавсияҳои амалии муаллиф ва дуруст идора намудани хавфҳои қарзӣ, сохтори сандуқи қарзӣ, диверсификатсия ва мониторинги қарзҳо инчунин истифодаи таҷрибаи пешқадам дар ин масъала зарурӣ мебошад.

- ***муаррифӣ карда шуданд:*** 1) равиши илман асоснокшудаи тавсияҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳой қарзӣ оид ба такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ аз рӯйи тағйирот ба як қатор санадҳои меъёрӣ ва ворид намудани иловаҳо ба онҳо; 2) ташкили курсҳои омузишӣ ҷиҳати баландбардории сатҳи касбияти мутахасисони вобастбуда дар самти таҳлили хавфҳои қарзӣ; 3) истифодаи нишонддиҳандаҳои таҳлилӣ дар ҷараёни таҳлил; 4) ташкили субъектҳои алоҳида дар идоракунии хавфҳои қарзӣ ва баэътидолории қарзҳои таснифшуда.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба хавфҳои қарзӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки ин омилҳои таъсиргузор ба сифат ва ҳаҷми онҳо ва пайдо намудани роҳҳои идоракунии муносиби низоми қарздиҳӣ ва дарёфти манбаъҳои нави ташаккули амалиёти қарзӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***ғояи*** таҳлил, баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои қарзӣ аз иҷрои як қатор корҳо ва истифодаи воситаҳои баэътидолорӣ оид ба хавфҳои қарзӣ баён шудаанд ва ***исбот гардидааст***, ки татбиқи меъёрҳо дар самти идораи хавфҳои қарзӣ,

ташаккули методологияи дохилибонкӣ, сиёсати қарзӣ, омӯзиши фарогири мутахассисони қарзӣ, мониторинги пешгӯии хавфҳои қарзӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ метавонад ба рушди низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ мусоидат кунад.

- ***истифодаи*** усулҳои камкунии хавфҳои қарзӣ ва таъмини сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ, инчунин истифодаи дуруст аз бюроҳои таърихи қарзӣ, диверсификатсия ва мониторинги қарзҳои додашуда ва ташаккули методологияи дохилибонкии мувофиқ барои таҳлил, баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои қарзӣ ҳамчун роҳҳи ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар ин самт тавсия карда шуд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои мўътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқарраротн мавҷуда сурат гирифтааст. Автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро 82,79% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар:** 1) таҳлил, баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои қарзӣ дар шароити муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) саҳмгузор будан дар мукаммал гардидани консепсияи идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ; 3) ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, инчунин таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бевосита аз тарафи муаллиф гузаронида шудаанд; 4) иштироки бевоситаи муаллиф дар тадқиқот бо нашри мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи кор ва маърӯзаҳои ӯ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад; 5) дар омода намудани 25 мақола, аз он ҷумла 7-адад мақолаи илмӣ дар нашриёҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Оев Анис Давлатович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ мебошад, мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ дорад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 5.4.; 10.5.; 10.12.; 10.14. ва 10.16.-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 26.04.2024 қарори сазовор донистани Оев Анис Давлатович бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз онҳо докторони илм 11 нафар, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» - 13 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**26 апрели соли 2024.**